**СУРАТМАҶЛИСИ № 11**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059**

20-уми ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2020, № 62 тасдиқгардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравӣнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Маҷидзода Ҷ.С., аъзоёни комиссияи ташхис Азиззода У.А., Сафарзода Ҳ.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1.Диссертатсияи аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Азимзода Назир Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– Қудратов Некруз Абдунабиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 26-уми феврали соли 2021 соати 14.00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Шарипов Т.Ш.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** Маҳмудов И.Т.